..

*ТДУ37.0*
*ТКБ74.03*

# *НАҚШИ ТАҶРИБАОМӮЗИҲОИ ТАЪЛИМИИ САҲРОӢ ВА КОМПЛЕКСИИ ГЕОГРАФӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҲИССИ ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН*

***Дадобоева Нодирахон Нуруллоевна,*** *дотсенти кафедраи геоэкология ва методикаи таълим он;* ***Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна;*** *омӯзгори кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкологияи МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *РОЛЬ УЧЕБНО-ПОЛЕВЫХ И КОМПЛЕКСНЫХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ПРАКТИК В РАЗВИТИИ ЧУВСТВА ПАТРИОТИЗМА У СТУДЕНТОВ*

***Дадобоева Нодирахон Нуруллоевна,*** *доцент кафедры геоэкологии и методики её преподавания;* ***Хайдарова Мавзуна Махмуджановна,*** *преподаватель кафедры экологии и охраны природы ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE IMPORTANCE OF EDUCATIONAL - FIELD AND INTEGRATED GEOGRAPHICAL PRACTICES IN DEVELOPING THE SENSE OF PATRIOTISM IN STUDENTS*

***Dadoboeva Nodirakhon Nurulloevna*** *associate professor of the Department of the Geoecology and methods of its teaching;****Haidarova Mavzuna Mahmudgonovna,*** *teacher of the Department of the Ecology and Nature Conservation at the of "Khujand State University named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *таҷрибаомӯзии таълимӣ, таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексии географӣ, омилҳои таъсиррасон дар ҷараёни навъҳои гуногуни тачрибаомӯзиҳо, арзишҳои милливу маънавӣ, ҳисси ватандӯстӣ, педагогика, табиати кишвар, ҷавонони муосир, афкори худшиносӣ ва ватанпарастӣ*

*Мақола ба масъалаи ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ дар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ бахшида шудааст. Муаллифон дар мақола раванди ташаккулёбии ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро дар донишҷӯён тавассути таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ, ки дар ҷамъи алоқаҳои дохилӣ ва берунаи нишондиҳандаҳои меъёрии ҷузъҳои он: маърифатӣ (дарки мафҳуми Ватан, донистани география, таърих, анъанаҳо, муқаддасот); ҳиссиётӣ (дараҷаи шинохти худ ҳамчун шаҳрванд ва шахси ватандӯст; арзёбии фаъолият ва рафтори худ нисбат ба онҳо; аксуламали эмотсионалӣ вобаста ба мафҳуми Ватан); фаъолнокӣ дар амал (саҳм дар фаъолияти иҷтимоӣ; зоҳир намудани мустақилият, ташаббускорӣ нисбат ба Ватан) зоҳир мегардад, инъикос намудаанд. Дар мақола таъкид мегардад, ки раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ тавассути фаъолияти мақсадноки оила, муассисаи таълимӣ, масъулони ҳудудҳои табиии муҳофизатшаванда, объектҳои иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, бевосита дар мавзеъҳои табиӣ ва корхонаҳои иқтисодӣ сурат мегирад ва бевосита ландшафти табиӣ, минтақаҳои мухталифи иқлимӣ, релефи гуногун, технологияи истеҳсолот диққати муҳассилинро ба худ ҷалб менамоянд.Ба андешаи муаллифон табиат дар канори муҳити таълимӣ воситаи самараноки таълим ва тарбия маҳсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии дар донишҷӯён ташаккул додани ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро доро аст.*

***Ключевые слова:*** *учебная практика, учебно-полевая и комплексная географическая практика, патриотизм, педагогика, природа, самопознание*

*Статья посвящена вопросу формирования чувства патриотизма и уважения к национальным ценностям у студентов средствами учебно-полевых и комплексных географических практик. Авторы статьи описывают процесс формирования чувства патриотизма и уважения к национальным ценностям средствами полевых и комплексных географических практик, которые включают сочетание внутренних и внешних ценностей у студентов, нормативных показателей его компонентов: когнитивных (понимание концепции Родины, знание географии, истории, традиций); эмоциональных (степень самосознания как гражданина и патриотичного человека;*

*участие в общественной деятельности; проявление самостоятельности, инициативы по отношению к Родине). В статье подчеркивается, что учебный процесс в учебно-полевых и комплексных практиках осуществляется через целенаправленную деятельность семьи, образовательного учреждения, должностных лиц охраняемых природных территорий, хозяйственных объектов, непосредственно на природных территориях и производственных предприятиях. Природный ландшафт, различные климатические зоны, разнообразный рельеф, технология производства привлекают внимание студентов. По мнению авторов, природа, наряду с образовательной средой, является эффективным средством обучения и воспитания, обладает мощным педагогическим потенциалом для формирования чувства патриотизма и уважения к национальным ценностям у студентов.*

***Key-words:*** *educational practice, educational-field and integrated geographical practice, patriotism, pedagogy, nature, self -knowledge*

*The article dwells on the issue concerned with formation of a sense of patriotism and respect for national values in students by dint of educational-field and integrated geographical practices. The authors depicts the process aimed at the formation of the latter including a combination of both internal and external values in students and normative indicators of its components: cognitive (comprehension of the notion of the Hometown, knowledge of geography, history, traditions); emotional (the degree of self-awareness as a citizen and patriotic person; assessment of their activities and behavior toward to the Motherland; emotional reaction to the idea of the Motherland); activism in practice (participation in social activities; manifestation of independence, initiative in relation to the Motherland) being taken into account as well.*

*The authors of the article lay an emphasis upon the idea that the process of educational-field and integrated practices is considered by virtue of purposeful activities of a family, an educational institution, officials of protected natural areas, economic facilities, directly in natural areas and industrial enterprises as well. The natural landscape, various climatic zones, varied relief, the technology of production attracts students` attention. In conformity with the authors` opinion, the nature alongside with the educational environment is considered to be as an effective means of teaching and upbringing possesses a powerful pedagogical potential targeted at formation of a sense of patriotism and respect for national values in students.*

Ватандӯстӣ принсипи ахлоқию сиёсӣ ва ҳисси иҷтимоӣ, мазмуни аслиаш меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан ва омода будани инсон ба боло гузоштани манфиатҳои ӯ аз манфиатҳои шахсии худ мебошад. Ватандӯстӣ муносибати ҳиссӣ нисбат ба Ватан буда, дар хизмат кардан ба Ватан ва муҳофизат намудани он ифода меёбад.

Масоили тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар мақолаву рисолаҳои олимони тоҷик, равоншиносон ва методистон, ба хусус М.М.Азизӣ[1], М.К.Афзалӣ[2], Х.Буйдоқов [6], Н.М.Заробекова[9], А.Қаландаров[10], И.Х.Каримова[11], М.Д.Қаюмов[12], Қ.Қодиров[13], М.Лутфуллоев[15], Б.Раҳимов[18], Х.М.Сабурӣ[19], А.С.Саидмӯминов[20], Н.Худоёрова[21], Б.У.Ҷумъаев[9], Ф.Ф.Шарифов [23], Ф.Шарифзода[24] ва дигар муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст, ки ҷиҳати шинохти бештари ин мафҳум ва сайри таърихии он дар рушди илми педагогикаи муосир заминаи мусоид фароҳам меорад. М.М.Азизӣ дар бобати ин масъала андешаҳои худро чунин иброз доштааст: “Масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии ҷавонон аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро маҳз муҳаббат ба Ватан, санги асосие мебошад, ки ҷомеаи Тоҷикистонро дар ҳама давру замонҳо муттаҳид кардааст. Мундариҷа ва муҳтавои ватандӯстонаи таълим ҳамеша ба маорифи миллӣ ва илми педагогика хос буд ва маҳз он принсипест, ки ба таҷриба ва анъанаҳои беназири педагогии халқи тоҷик асос ёфтааст. Дар айни замон, мероси фарҳангию таърихӣ ва табиӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоигароии насли наврас аҳамияти хоса дорад” [1, с.10].

А.Қаландаров муҳим будани масъалаҳои тарбияи ватандӯстиро дар фаъолияти омӯзгор, алалхусус дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон, ки марзи ҷанубии ИДМ мебошанд, таъкид менамояд [10, с.5].

Муҳаққиқ Н.Худоёрова диққати асосиро ба омӯзиши потенсиали тарбиявии барномаи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ҳамчун омили ташаккулёбии касбӣ ва шахсии донишҷӯён, ки барои ташаккул додани ҳисси дилбастагӣ ба зодгоҳ ва инсондӯстӣ; муносибати эҳтиромона ба забони мардуми худ; ҳимояи манфиатҳои Ватан; дарки масъулият дар назди Ватан, пос доштани шаъну шарафи он; арҷгузорӣ ба гузаштаи таърихии Ватан, урфу одат; масъулият

барои тақдири Ватан ва халқи худ, оядаи онҳо, кӯшишу ғайрати ҷавонон баҳри таҳкими иқтидор ва шукуфоии Ватан равона намудааст [21, с.8].

М.К.Афзалӣ зикр менамояд, ки: "Ватандӯстӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи ғояи миллӣ бояд нуқтаи асосии муттаҳидии миллат, эҳёи пояҳои маънавию ахлоқӣ гардад, ки аз қадимулайём ба халқи тоҷик хосанд" [2, с.64].

Таҳқиқоти худро муҳаққиқ А.С.Саидмӯминов ба масъалаи мундариҷа, шаклу усулҳои таълим ва фаъолияти беруназмактабӣ, ки самаранокии раванди тарбияи ватандӯстиро тавассути кишваршиносӣ таъмин намуда, ба рушди ҳамаҷонибаи хислатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудааст, бахшидааст [20, с.120].

М.Ҷ.Қаюмов ҷанбаҳои фалсафӣ-педагогӣ, таърихӣ-педагогӣ, адабӣ ва шарқшиносии мероси адабӣ ва педагогии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва Синоро таҳлил намудааст. Ҳамзамон ҷойгоҳи тарбияи ҷисмонӣ ва ғояҳои ватандӯстиро аз дидгоҳҳои педагогии ин мутафаккирон таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ намуда, аҳамияти афкори педагогии Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва Синоро дар эҳёи арзишҳои анъанавии педагогикаи миллӣ муайян кардааст [12, с.8].

Бо вуҷуди ин, омӯзиши табиат бо дарназардошти имкониятҳои мавҷудаи раванди таълим ба вижа, таҷрибаомӯзӣ яке аз равишҳои муҳимме барои ташаккул ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ахлоқи эстетикии донишҷӯён махсуб меёбад, ки дар рушди тафаккури миллии муҳассилин нақши муассир дорад. Зеро равшан аст, ки мушоҳидаи табиати зебои кишвар, дарку тасвири зебоиҳои муҳити кишвари худ эҳсоси ватанпарасии донишҷӯёнро бедор намуда, дар омӯзиш ва муаррифии табиати ватан ангеза медиҳад.

Нақшу аҳамияти омӯзиши илми кишваршиносиро дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон олимони соҳа ба монанди Н.Н. Баранский[3], А.С.Барков[4,с.5], В.А.Кондаков[14], Х.Муҳаббатов[16], А.А.Половинкин[17], А.И.Раҳимов[22], С.Худойбердиев[22] дар асарҳои илмии худ таъкид намуда, андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва дарёфти роҳу усулҳои шинохт ва муаррифии мавзеҳои табиӣ ва зебои минтақаҳои гуногуни кишвар дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ - саҳроӣ ва комплексии географӣ аз муҳимтарин тадбирҳои факултетҳо мебошад.

Дар ин мақола кӯшиш шудааст, ки ба василаи гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ бо дар назаргирии дидгоҳҳои педагогӣ ташаккули майлу хоҳиши донишҷӯён нисбат ба омӯзиши арзишҳои миллӣ, марзу буми нотакрори кишвар, эҳсоси баланди ватандӯстӣ муайян карда шавад.

Гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо дар минтақаҳои табиӣ ва иқтисодӣ барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ нақши муассир дошта, имкон фароҳам меоранд, ки мавҷудот, ҳодисаҳои табиӣ ва раванди истеҳсолот аз наздик мавриди омӯзиш қарор гиранд. Дар илми педагогика истифодаи таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар вусъат бахшидани ҷаҳонбинии шахсият, ташаккули муносибати муҳассиллин нисбат ба арзишҳои табиӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ шудааст. Таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ таърихи гузаштаву имрӯзаи табиати кишварро тафсир дода, арзишҳои табиӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, олами атроф, фаъолияти антропогенӣ, муносибати шахсиятро ба табиат дар консепсияи ин замин – хонаи мо, Ватани маҳбуби ман қабул ва тасдиқ менамоянд.

Таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим маҳсуб ёфта, ҳамчун фаъолияти мушаххас, таҳти талаботҳои стандарти давлатӣ, нақша ва барномаи таълимӣ сурат мегирад. Фаъолияти амалии аслӣ, воқеӣ, коммуникативӣ ва маърифатӣ мебошад. Мундариҷа ва шакли гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроиву комплексӣ дар барномаҳои таълимиву корӣ инъикос меёбад. Таҳлили назариявии мундариҷа, шакл ва хатсайр (маршрут) - ҳои интихобшуда имкон дод, ки бо мақсади муайян намудани хусусияти маърифатӣ доштани фаъолияти донишҷӯён барномаи кории намунавии худро коркард кунем ва собит намоем, ки иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ воситаи самараноки ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён маҳсуб меёбад ва дар интиқоли таҷрибаи илмиву фарҳангӣ, ки дар ландшафт, объектҳои табиӣ, ёдгориҳои табииву таърихӣ маҳфузанд, зоҳир мегардад. Табиати зебову нотакрор, мавзеъҳои аз тарафи инсон тағйирнаёфта доир ба таҳаввулоти табиати кишвари азиз маълумоти муқоисавӣ медиҳанд ва муаммоҳои замонавиро мубрамтар мегардонанд.

Объектҳои табиӣ, кӯҳу дара, қуллаҳои барфпӯшу пиряххо, чашмаву дарё, шаршараву кӯлҳо, боигариҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок ва ғ. бешубҳа муносибати арзишнокро нисбат ба

табиати Ватан фароҳам меоранд.

Омӯзиши сохти геологии Тоҷикистон, маълумоти палеонтологӣ оид ба давраҳои таърихии шаклгирии релефи кишвар, доир ба таърихи геологии кишвар, ҳодисаҳои табиии таърихӣ маълумот медиҳанд.

Таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ҳамчун ҷузъи муҳими раванди таълим дар ду давра: мавсимӣ ва асосӣ ба роҳ монда шуда, дарсҳои назариявии аудиториро пурра мегардонад. Дар мавзеи табиӣ ва объекти иқтисодӣ фазои таълимӣ ташаккул ёфта, муҳассиллинро ба мустақилият, донишандӯзии ҷолибу шавқовар ва фаъолияти эҷодӣ раҳнамун месозад.

Бо мақсади таҳлили тасаввуроти донишҷӯён доир ба географияи кишвари худ, шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ – географӣ ва хусусиятҳои он бо 250 нафар донишҷӯ пурсишнома гузаронида шуд, ки дар рафти он пешниҳод гардид, то ба чунин саволҳо посух гӯянд: “Мавқеи табиӣ - географии Тоҷикистонро шарҳ диҳед ”, “Чаро Тоҷикистонро кишвари офтобрӯя мегӯянд?”. Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили андешаҳои донишҷӯён имкон пайдо намудем, ки ҷавобҳоро ба ҳашт гурӯҳ ҷудо кунем. Ҷамъи ҷавобҳо 100% ро ташкил намедиҳанд, зеро пурсидашудагон якбора як ё якчанд ҷавобро интихоб намуданд. Дар таҳқиқоти мазкур мо тавонистем, то як буриши андешаҳои бартаридоштаи донишҷӯёнро дар бораи тасвири Ватан пайдо намоем. Таҳлили маълумотҳо нишон дод, ки дар марҳилаи муайян аксарияти донишҷӯёни курси якум натавонистанд, ки хусусиятҳои беназири табиати Ватанро бобати “офтобрӯя” номида шуданаш номбар намоянд. Мо ин хулосаро дар асоси он қабул кардем, ки 6% - и пурсидшудагон дар ҷавоби савол душворӣ кашиданд ва аксарият, яъне 47 % бартарии релефи кӯҳӣ, дар Осиёи Миёна ҷойгир будан, дур аз укёнус, дар маркази материк мавқеъ доштани онро номбар карданд. Ҳамзамон 10 % - и донишҷӯён дар мавриди парвариши меваю сабзавоти гуногун ва рушди пахтакорӣ дар кишварамон андешаҳои худро иброз доштанд.

Далелҳои мазкур аз нокифоя будани сатҳи дониши кишваршиносии донишҷӯён шаҳодат медиҳанд. Ҷолиб аст, ки 19% - донишҷӯён дар марҳилаи муайян ва 15% дар марҳилаи баҳодиҳӣ ба таъриху адабиёт такя намуда иброз доштанд, ки дар осори муаррихон, шоирону нависандагон кишвари мо чунин (“офтобрӯя” - ҳамчун рамзи минтақа) арзёбӣ шудааст.

Дар таҳқиқоти мо муҳим он буд, ки пас аз озмоиш донишҷӯён (23% дар марҳилаи назоратӣ ва 63% дар марҳилаи озмоишӣ) иқлим ва омилҳои иқлимҳосилкунанда: мавқеи географӣ, релеф, сиркулятсияи атмосферӣ, радиатсияи Офтоб, аз ҷумла зиёд будани давомнокии рӯзҳои офтобӣ (то 279 рӯз) ва 3600 килокаллорияро ташкил намудани ҷамъи радиатсияи Офтоб сабаби “офтобрӯя” номида шудани кишвар бештар таъкид гардад. Қайд кардан зарур аст, ки 40% - и донишҷӯён дар марҳилаи озмоишӣ бар муқобили 8% - и марҳилаи назоратӣ мавқеи географии кишвар, давлатҳои ҳамсарҳадро дуруст номбар карда тавонистанд. Ҳатто 29% - и донишҷӯён дар марҳилаи озмоишӣ бар муқобили 15% - марҳилаи назоратӣ бобати таърихи шаклгирии сарҳадоти кишвар андешаҳои ҷолиб баён намуданд. Ҳамин тариқ, маълумотҳои бадастомада аз афзудани донишҳои кишваршиносии донишҷӯён дар марҳилаи озмоишӣ шаҳодат медиҳанд. 23% - и донишҷӯён дар марҳилаи озмоишӣ ва 4% дар марҳилаи назоратӣ мавқеи табиӣ – географии кишварро бапуррагӣ шарҳ доданд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар марҳилаи баҳодиҳӣ посухҳои пурсидашудагон дигаргун шуданд, ки ин баланд шудани сатҳи дониши донишҷӯёнро оид ба географияи кишвар тасдиқ менамояд. Таҳлили маълумотҳои бадастомада имконият медиҳад, ки дар мавриди динамикаи мусбат доштани озмоиш хулоса намоем: сатҳи баланди дарки мазмуни мафҳуми Ватан, ҷузъҳои онро 49,1% - и донишҷӯён нишон доданд (дар марҳилаи назоратӣ 36,4%). Ҳамзамон донишҳои донишҷӯён оид ба мавқеи географӣ, шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ - географии кишвар низ афзуданд (аз 38,2 то 47%). Саҳми муҳассиллини сатҳи пасти ташаккули майл ба Ватан ҳамчун арзиш қариб се баробар коҳиш ёфт (аз 21,1% ва 21,7% то 6,6% ва 7,8%) (ниг. ба ҷадвали 1).

Раванди таълим зимни таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ нисбатан озод буда, донишандузӣ тавассути такя ба манбаъҳои табиӣ сурат мегирад ва муҳассиллинро ба хулосабарории мустақилона водор месозад.

***Ҷадвали 1. Динамикаи ташаккулёбии майли ватандӯстии донишҷӯён***

| Даврахои кори озмоишӣ | Нишондиҳандаҳо | Сатҳи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён бо % | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Баланд | Миёна | Паст |
| Назоратӣ | Шарҳ дода тавонистани мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он | 36,4 | 42,5 | 21,1 |
| | Донистани мавқеи географӣ, шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ-географии Тоҷикистон, таърихи омӯзиши табиати кишвар | 38,2 | 40,1 | 21,7 |
| Озмоишӣ (баҳодиҳӣ) | Шарҳ дода тавонистани мафҳуми Ватан, ҷузъҳои он | 49,1 | 44,3 | 6,6 |
| | Донистани шароитҳои табиӣ ва иқтисодӣ–географии Тоҷикистон, таърихи омӯзиши табиати кишвар | 47,0 | 45,2 | 7,8 |

Таъсири байниҳамдигарии ташкили раванди таълим ва экспедитсияву таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ҳамчун механизми иҷтимоӣ – фарҳангӣ бо мақсади ташаккули майли донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва мубрам инъикос гардидааст ва дар он муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда мешаванд, ки бояд дар кору фаъолияти худ расму оинҳо ва анъанаҳои миллиро ба инобат гиранд.

Олимони рус А.С. Барков ва А.А. Половинкин нақши кишваршиносиро дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чун воситаи таълим баҳои баланд дода буданд. А.А. Половинкин мегӯяд, ки «Мо бояд географияи табии кишварамонро омӯзем». Аввалан барои он ки атрофиёнамонро бидонем ва бифаҳмем, дуюм барои он ки тавассути омӯзиши объектҳои географии кишвари худ географияи табиии ҳар мамлакати дигар ва тамоми рӯи Заминро хубтар фаҳмем [17, с.14].

Имрӯз ҷавонон соатҳои зиёди вақти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд. Онҳо бо бозиҳои гуногуни мустақим машғул шуда, муоширати виртуалӣ менамоянд ва ба маълумотҳои лаҳзавӣ эътиқод пайдо менамоянд. Муоширати воситаи муҳими маълумот маҳсуб ёфта ба инкишофи шахсият, ташаккули арзишҳои маънавӣ таъсири назаррас дошта, соҳаи эмотсионали (ҳамдардӣ, эҳтироми худ)-ро рушд мебахшад.

Одатан ба донишҷӯёни курсҳои поёнӣ ташаббускорӣ, фаъолнокии ҷамъиятӣ хос аст, вале баробари ин дар баъзеи онҳо аз ҳаёт дур будан, идеализатсия, афкори нисбатан маҳдуд низ ба назар мерасад. Норасоии таҷрибаи ҳаётӣ ба он оварда мерасонад, ки донишҷӯёни курсҳои поёнӣ на ҳама вақт далелҳои воқеиро ба андозаи муайян ба инобат мегиранд, чизи дидаашонро ба воқеият қабул намуда баъзан ба ноҷорӣ меафтанд.

Табиати кишвар дар маҷмуъ, компонентҳои алоҳидаи он, алоқамандии онҳо дар инкишоф, яъне аз нуқтаи назари табиӣ - таърихӣ омӯхта мешавад. Табиати кишварро ҳамчун як қисми табиати масоҳати васеъ – ноҳия, вилоят, ҷумҳурӣ, минтақаҳои табиӣ, мамлакат дидан мумкин аст. Барои ҳамин дар ҷараёни омӯзиш бояд тарҳи он аз табиати умумии ноҳияҳои калон муайян карда шавад.

Дар нақшаи таълимии ихтисосҳои география, география ҳифзи табиат, геоэкология, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти саёҳати Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ дар курсҳои 1 ва 2 – юм, таҷрибаомӯзии комплексии минтақавӣ дар курси 3 – юм пешбинӣ шудааст, зеро табиат бевосита имконияти алоқаи воқеиро бо объектҳову маводҳои аслӣ ба амал меорад, интиқоли донишро ба муҳити таълимии ҷолиби сифатан аз аудитория бартаридошта мубаддал месозад.

Ҳамин тариқ, раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ тавассути фаъолияти мақсадноки оила, муассисаи таълимӣ, масъулони ҳудудҳои табиии муҳофизатшаванда, объектҳои иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, бевосита дар мавзеъҳои табиӣ ва

корхонаҳои иқтисодӣ сурат мегирад, ки ландшафти табиӣ, минтақаҳои мухталифи иқлимӣ, релефи гуногун, технологияи истеҳсолот диққати муҳассиллинро ба худ ҷалб менамоянд.

Ба андешаи мо, табиат дар канори муҳити таълимӣ воситаи самараноки таълим ва тарбия маҳсуб ёфта, имкониятҳои пуриқтидори педагогии ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёнро дорост, зеро таҳқиқоти гузаронидашуда собит намуд, ки имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ воситаи самараноки ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар донишҷӯён гардида, тавассути мубрамгардии захира ва иқтидори мувофиқ: аксиологӣ (интиқоли арзишҳо ва таърихи табиат, ки дар ҷараёни шаклгирии объектҳои табиӣ, ёдгориҳои табиӣ, оқибати ҳодисаҳои табиӣ, изу акси боқимондаи мавҷудоти зинда, сарчашмаҳои ибтидоӣ зоҳир мешавад); маърифатӣ (донишандӯзӣ тавассути такя ба сарчашмаҳо, объектҳои табии аслӣ, эҳсосоти баланд аз мушоҳидаи иншоотҳои табиӣ, чун шаршара, дарё, вулқон, чашма ва ғ.), хусусияти маърифатии ҳодисаҳои табиӣ, ҳавасмандӣ ҷиҳати таҳқиқоти мустақилона, фаъолияти эҷодӣ)); иҷтимоикунанда (муносибат нисбат ба ёдгориҳои табиӣ, дарки шахсии ҳодисаҳои табиӣ, инъикоси мушкилоти ҷамъияти муосир ва минтақаҳои алоҳида); ахборотӣ – мундариҷавӣ (мувофиқат ба стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, алоқаи байни фанҳо, вариативнокии раванди таълим дар таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ); эҷодӣ – арзишӣ (таъсири субъективу объективии муассисаи таълимӣ ва мавзеъҳои табиӣ, мамнуъгоҳу парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ, ки дар асоси ҳамкории дуҷониба ба роҳ монда мешавад); ташкилӣ – вазифавӣ (омӯзгору донишҷӯ, фазоӣ – объектӣ, муҷаҳҳаз будан бо маводи техникии коркарди натиҷаи таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ) амалӣ мегардад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Азизи, М.М. Интеграция гражданско-патриотического воспитания в процессе краеведческой деятельности учащихся общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан: автореферат дис. доктора педагогических наук: 13.00.01 /М.М.Азизи. -Душанбе, 2018. - 57 с.
2. Афзалӣ, М.К. Аз асл ба насл / М.К. Афзалӣ. — Душанбе, 2019. — 215 с.
3. Баранский, Н.Н. Избранные труды. Становление советской экономической географии. — М.: Мысль, 1980. - 384 с.
4. Барков, А. С. Задачи курса физико-географического страноведения в высшей школе // Учёные записки МГУ.География, кн. 2, вып. 119. А. С. Барков., 1946. – 254 с.
5. Барков, А.С. О научном краеведении: В кн.: Вопросы методики и истории географии. А.С. Барков. М.: Изд-во АПН РСФСР, 1961. - С.77.
6. Буйдоков, Х. Взаимосвязь и взаимодействие школы и производства/Х.Буйдоков.–Душанбе, 1990. - С.56 - 67
7. Дадобоева Н.Н., Дадобоев Н. Таҷрибаи омӯзгорӣ – омили муҳими омода кардани омӯзгорони оянда// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ №4(49). Н.Н. Дадобоева, Н. Дадобоев.– Хуҷанд, 2016. -С.200-205. ISSN 2077-4990
8. Джумаев,Б.У.Гражданское воспитание учащихся на уроках истории таджикского народа: автореферат дис... кандидата педагогических наук:13.00.01/Б.У.Джумаев.-Душанбе,2004.-24 с.
9. Заробекова, Н.М. Подготовка будущих учителей к гражданско-патриотическому воспитанию учащихся: автореферат дис. ... кандидата педагогических наук: 13.00.01 /Н.М.Заробекова. - Душанбе, 2010. - 22 с.
10. Каландаров, А. Патриотическое воспитание в педагогической деятельности учителей Республики Таджикистан: автореферат дис. ... кандидата педагогических наук:13.00.01 /А.Каландаров. -Душанбе, 2006. - 23 с.
11. Каримова И.Х.Учитель – творец добра и прогресса / И.Х. Каримова, Ф.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 179 с.
12. Каюмов. М.Д. Идея взаимосвязи физического воспитания и патриотизма в педагогических воззрениях персидско-таджикских мыслителей IX – X вв.: автореферат дис. ... кандидата педагогических наук: 13.00.01 / М.Д.Каюмов. -Душанбе, 2019. - 22 с.
13. Қодиров, Қ.Б. Афкори педагогии ҳамасрони Рӯдакӣ / Қ.Б. Қодиров. -Душанбе, 2008. – 333 с.
14. Кондаков, В.А. Краеведческий принцип в преподавании географии. В.А. Кондаков. -М.: Изд-во АПН РСФСР, вып. 24. -1950.- 121 с.
15. Лутфуллоев, М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маълумоти муосир/М.Лутфуллоев.–Душанбе: Ирфон, 2006. -146 с.

16. Муҳаббатов, Х.М.Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон/ Х.М. Муҳаббатов, Р.Д. Диловаров -Душанбе. 2011.- 256с.
17. Половинкин, А.А. География и родная природа. А.А. Половинкин. - М.- Л., 1949. – 139 с.
18. Раҳимов, Б.Таърихи педагогикаи халқи тоҷик/Б.Раҳимов,Х.Афзалов.–Душанбе,1994.–396 с.
19. Сабуров, Х.М. Развитие, формирование и воспитание личности. //Вестник педагогического университета (Республика Таджикистан). № 4, (53). Х.М. Сабуров. - Душанбе, 2013. –С.161-164. ISSN 2219-5408.
20. Саидмуминов, А.С.Проблема воспитания патриотизма у учащихся старших классов средствами краеведения: на материалах школ Республики Таджикистан: автореферат дис. кандидата педагогических наук: 13.00.01 / А.С.Саидмуминов. - Душанбе, 2011. - 20 с.
21. Худоёрова, Н. Ценностно-целевые приоритеты патриотического воспитания студентов средних профессиональных учебных заведений Республики Таджикистан: автореферат дис. ... кандидата педагогических наук: 13.00.01 /Н.Худоёрова. -Душанбе, 2013. - 24 с.
22. Худойбердиев, С.Ш., Раҳимов А.И. Ватандӯстӣ аз донистани кишвар сар мешавад. С.Ш. Худойбердиев, А.И. Раҳимов.- Хуҷанд, 2000. – 100с.
23. Шарипов, Ф.Ф. Системный подход к информатизации педагогического процесса в вузе – доминанта формирования профессиональных компетентностей студентов: автореф. дис. докт. пед. наук /Фаридун Файзуллоевич Шарипов. – Душанбе, 2013. – 56 с.
24. Шарифзода, Ф.Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.М. Миралиев. – Душанбе, 2012. – 526 с.
25. Шаропов, Ш.А.Потенциальные возможности образования в формировании креативности студентов / Ш.А. Шаропов, С.Б. Бобоева. - Номаи Донишгоҳ. - Хуҷанд, 2019. - №2(59). - С. 196-200.

**REFERENCES:**

1. Azizi, M.M. Integration of Civil-Patriotic Education in the Process of Local Lore Activity of Students of Educational Institutions of Tajikistan Republic: synopsis of doctoral dissertation in pedagogy: 13.00.01 / M.M. Azizi. - Dushanbe, 2018. – 57p.
2. Afzali, M.K. From Origin to Generation / M.K. Afzali. - Dushanbe, 2019. - 215 p.
3. Baransky, N.N. Selected Works. Formation of Soviet Economic Geography/ N.N.Baransky. - M.: Mysl, 1980. - 384 p.
4. Barkov, A.S. Objectives of the Course of Physical and Geographical Regional Studies in Higher School // Scientific Notes of Moscow State University. Geography, book. 2, no. 119/ A.S. Barkov. - M., 1946 - 254 p.
5. Barkov, A.S. About Scientific Local History: In the book: Questions of methodology and history of geography. A.S. Barkov. - M.: Publishing-house of APN RSFSR, 1961. – P.77.
6. Buidokov, H. Relationship and Interaction Between School and Production. H.Buidokov. - Dushanbe, 1990. - P. 56 – 67.
7. Dadoboeva N.N., Dadoboev N. Pedagogical Practice as an Important Factor Beset with Training of Future Teachers // Scientific Notes. Series of Humanities and Sociological Sciences №4 (49)/ N.N. Dadoboeva, N. Dadoboev. - Khujand, 2016. - P. 200-205. ISSN 2077 -4990
8. Dzhumaev B.U. Civic Education of Students at the History of the Tajik Nation lessons: synopsis of candidate dissertation in pedagogy: 13.00.01 / B.U. Dzhumaev. - Dushanbe, 2004. – 24 p.
9. Zarobekova, N.M. Preparation of Future Teachers for Civil-Patriotic Education of Students: synopsis of candidate dissertation in pedagogy: 13.00.01./N.M.Zarobekova.-Dushanbe,2010.–22 p.
10. Kalandarov A. Patriotic Education in Pedagogical Activity of Teachers in Tajikistan Republic: synopsis of candidate dissertation in pedagogy: 13.00.01 / A. Kalandarov. -Dushanbe, 2006. – 23 p.
11. Karimova I.Kh., Sharifzoda F. Teacher-Creator of Good and Progress / I.Kh. Karimov, F. Sharifzoda. - Dushanbe: Cognition, 2010. - 179 p.
12. Kayumov M.D. Thoughts of Relationship between Physical Education and Patriotism in the Pedagogical Views of Persian-Tajik Thinkers Who Lived in the IX-th – the X-th Centuries: synopsis of candidate dissertation in pedagogy: 13.00.01 / M.D. Kayumov. -Dushanbe, 2019. - 22p.
13. Kadyrov, K.B. Pedagogical Thoughts of Rudaki`s Associates / K.B. Kadyrov. - Dushanbe, 2008. - 333 p.
14. Kondakov, V.A. The Principle of Local Lore in Teaching Geography. V.A. Kondakov [Text]. - M.: Publishing-house of the Academy of Pedagogical Sciences, - V.24. - 1950. – 121 p.
15. Lutfulloev M. Independence of Tajikistan and Modern Education / M. Lutfulloev. - Dushanbe: Cognition, 2006. - 146 p.

16. Muhabbatov Kh. M., Dilovarov R.D. Economic and Social Geography of Tajikistan / Kh.M. Muhabbatov, R.D. Dilovarov. - Dushanbe, 2011. – 256 p.
17. Polovinkin, A.A. Geography and Native Nature/ A.A. Polovinkin. – M-L., 1949. - 139 p.
18. Rahimov, B. The History of Pedagogy of the Tajik Nation / B.Rakhimov, H.Afzalov. – Dushanbe, 1994 – 396 p.
19. Saburov, Kh.M. Development, Formation and Education of Personality. // Bulletin of the Pedagogical University (Tajikistan Republic). No. 4, (53). Kh.M. Saburov. - Dushanbe, 2013. –P. 161-164. ISSN 2219- 5408
20. Saidmuminov, A.S. The Problem Beset with Instilling Patriotism among Senior Pupils by Means of Local History: on the materials of schools of Tajikistan Republic: synopsis of candidate dissertation in pedagogy: 13.00.01 / A.S. Saidmuminov. - Dushanbe, 2011. - 20 p.
21. Khudoyorova, N. Value-Target Priorities of Patriotic Education of Students of Secondary Vocational Educational Institutions of Tajikistan Republic: synopsis of candidate dissertation in pedagogy: 13.00.01 / N. Khudoyorova. -Dushanbe, 2013. - 24 p.
22. Khudoiberdiev, S.Sh., Rahimov A.I. Patriotism Begins with Knowing the Country/ S.Sh. Khudoiberdiev, A.I. Rahimov. - Khujand, 2000. – 100 p.
23. Sharipov, F.F. A Systematic Approach to Informatization of the Pedagogical Process in the University Is a Dominant of Students` Professional Competencies Formation: synopsis of doctoral dissertation in pedagogy: / Faridun Faizulloevich Sharipov- Dushanbe, 2013.- 56 p.
24. Sharifzoda, F. General and Professional Pedagogy / F. Sharifzoda, A.M. Miraliev. - Dushanbe, 2012. - 526 p.
25. Sharopov, Sh.A. Potential Opportunities of Education in Students` Creativity Formation / Sh.A. Sharopov, S.B. Boboeva //Scientific Notes. Khujand, 2019. - No. 2 (59). - P. 196 – 200.